**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Маориф дар тули солҳои Истиқлоли давлатӣ зери назорат ва аҳаммияти махсуси давлату Ҳукумати кишвар қарор дорад ва ин масъала ба таври ҳамешагӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегардад.

Ҳуқуқ ба таҳсил дар шароити муосири таҷдиди соҳаи маориф омили асосии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аввалин зинаи дарку татбиқи тамоми доираи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳар кас азхудкунии дониш, маҳорат, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, фаъолияти пурсамари ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва амнияти миллиро кафолат дода, суботи ҷомеаро барқарор намуда, ба рушди давлати демократӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар замони фанноварихои нав маориф на танҳо як соҳаи иҷтимоӣ, балки сармоягузорӣ баояндаи кишвар аст, ки дар он бояд давлат, ҷомеа, корхонаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон иштирок кунанд, зеро ҳама ба таҳсилоти босифат манфиатдоранд.

Халқи тоҷик аз қарнҳои таърих ба илм ва маориф муносибати хоса дошт ва ин ҷараён то имрӯз коста нашудааст. Асоси ин гуфтаҳо аз санадҳои таърихии халқи тоҷик ба монанди Авесто, ки китоби муқаддаси таълимоти зардуштӣ ба ҳисоб меравад оғоз мегардад. Ҳуқуқ ба таҳсил дар ин таълимот яке аз унсурҳои муҳим барои дар ҷомеа ёфтани ҷойгоҳи худ ба ҳисоб мерафт ва барои даврони худ соҳиби низоми мукаммали таълимӣ буд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмӣ дар ин соха яке аз самтҳои афзалиятноки илм ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ изҳор шуда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

**Боби аввали рисолаи муаллиф «Ташаккул ва инкишофи таърихии ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон»** ном дошта, он заминаи бунёдии сохтори

рисоларо ташкил медиҳад. Муаллиф дар боби мазкур таърихи пайдоиши мафҳуму истилоҳи ҳуқуқ ба таҳсилро то замони ҳозира мавриди пажӯҳиш қарор дода, вобаста ба таърихи ташаккул ва инкишофаш чунин даврабандии ҳуқуқ ба таҳсилро анҷом додааст: 1) Ташаккули ҳуқуқ ба таҳсил ва раванди таълим дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ; 2) Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва давраи амали он дар сарзамини таърихии тоҷикон; 3) Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон; 4) Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи он дар даврони Истиқлолият.

**Боби дуюми рисолаи муаллиф «Такмили назарӣ ва амалии фаҳмиш, моҳият ва принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур муаллиф фаҳмиш, моҳият, принсип ва мавқеи ҳуқуқ ба таҳсилро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин омилҳои ҳуқуқӣ-идории таъсиррасонро ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил мавриди пажӯҳиш қарор дода, чунин натиҷагирӣ намудааст: 1) ҳуқуқ ба таҳсилро объекти таҳқиқоти соҳаҳои гуногун дониста, онро аз ҷиҳати фаҳмиши фалсафӣ, ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ баҳо додааст; 2) моҳияти ҳуқуқ ба таҳсилро чунин зикр намудааст: моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар мазмун, таъйинот, хусусият, аҳаммият ва мавҷудияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил ифода меёбад ва масъалае мебошад, ки то кадом андоза ба инсон муҳим будани ин ҳуқуқро ҳамчун ҳуқуқи асосӣ муайян мекунад; 3) принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун ғояҳои роҳбарикунанда, асосҳои бунёдӣ ва нуктаҳои асосӣ муайян намуда, онҳоро ба принсипҳои умумӣ ва соҳавӣ ҷудо намудааст. Дар баробари ин қайд менамояд, ки принсипҳои асосии ҳуқуқи инсон дар як навбат принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравand; 4) аз шаклҳои гуногуни таснифоти ҳуқуқи инсон истифода бурда, мавқеи ҳуқуқ ба таҳсилро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ, фарҳангӣ, табиӣ, нисбӣ ва насли дуюми ҳуқуқи инсон муайян намудааст; 5) омилҳои таъсиррасонро ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил таҳлил намуда, бартарият ба Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

медиҳад ва қайд менамояд, ки паёмхои Сарвари давлат ҳар сол ба қабули қонунҳои нави соҳаи таҳсилот замина гузошта истодааст.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқ ба таҳсил муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Унвонҷӯ вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқ ба таҳсил, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Ҳамин тавр, навгонии таҳқиқот бо ҳалли масъалаҳои зерин муайян мегардад:

1. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таърихии ҳуқуқ ба таҳсил, инкишоф ва ташаккули он аз замони зардуштия то замони муосир;

2. Таҳлили мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил ва муайян намудани мавқеи он дар системаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, инчунин ошкор намудани моҳияти ҳуқуқ ба таҳсил;

3. Муайян намудани мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил, нақши принсипҳои ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои соҳаи таҳсилот, таҳлил ва баррасии мазмуну муҳтавои принсипҳои хоси ҳуқуқ ба таҳсил дар алоҳидагӣ;

4. Муайян намудани мавқеъ ва нақши ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

5. Истифода ва муқоисаи қонунгузории давлатҳои пешрафта дар самти таҳсилот бо қонунгузории миллӣ, муайян намудани умумият ва бартариятҳои ҷойдошта ва пешниҳоди таҷрибаи пешқадами давлатҳои зикршуда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати дастрасии ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6. Ошкор намудани омилҳои таъсиррасоне, ки ба сатҳу сифати таҳсилот, самаранокии низоми маориф ва амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил таъсир мерасонанд;.

**Аз ҷониби муаллиф чунин нуктаҳои илмӣ ва амалӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд:**

1. Мафҳуми «ҳуқуқ ба таҳсил» ба маънои субъективӣ бояд ҳамчун имконияти ҳар як шахс маънидод карда шавад, ки дар Конститутсия ва қонунҳо ифода ёфта, ба инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоишавии бомуваффақ ва расидан ба шароити сазовори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ба таври объективӣ бошад, ҳуқуқ ба таҳсил бояд ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие шинохта шавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, ҳадафҳо, мазмун, ҳудуди фазоиву замонӣ, тартиби амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро муайян мекунанд, инчунин ташкили мудирияти раванди таҳсилот, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, танзим менамоянд, вазъи ҳуқуқуии онҳо, тартиби амалӣ намудани фаъолияти таҳсилотро муқаррар месозанд.

2. Принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил принсипҳои бунёдӣ, идеяҳое мебошанд, ки моҳият ва самти умумии рушди онро муайян мекунанд. Принсипҳои мазкур ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) дастрасии умумии таҳсилот ва таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил, озодии интихоби намудҳои таълим ва ҳуқуқи афзалиятноки волидони кӯдакони хурдсол дар интихоби таҳсил; 2) хусусияти инсондӯстона, демократии ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолат додани истифодаи ҳуқуқ ба таҳсил дар тамоми умр.

3. Ҳуқуқ ба таҳсил дар ҳолате самаранок ва ба таври комил амалӣ мегардад, ки давлат ва ҷомеа ба дарки ин нукоти асосӣ бирасанд: а) ҳуқуқ ба таҳсил асоси рушди дигар ҳуқуқҳо мебошад; б) табъиз дар соҳаи маориф бо ҳама гуна асос қобили қабул нест; в) ҳуқуқ ба таҳсил дастрасӣ ба муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти босифат ва расман эътироф шудани таҳсилоти гирифтаро таъмин менамояд; г) гуногунандешӣ дар соҳаи маориф таъмин карда шавад; д) ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил дар робитаи мунтазам бо дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ сурат

мегирад; е) ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба масъалаҳои таҳсилот хусусияти танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вазъи ба вуҷудомада дар ҳолати мушаххас ба инобат гирифта мешавад.

**Дар баробари ин муаллиф чунин пешниҳодҳои амалиро низ ба миён гузоштааст:**

1. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо вуҷуди ин ки аллакай дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таҳсили фосилавӣ ҷорӣ карда шуда, бо муваффақият амал мекунад, вале ҳанӯз ҳам ба ғайр аз Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» санади меъёрӣ-ҳуқуқии дигаре ҷой надорад, ки тартиби амалисозӣ, принсип ва усулҳои танзими раванди таҳсили фосилавро ба танзим дарорад. Аз ин рӯ, зарур мешуморад, ки бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи ҶТ заминаҳои ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ муайян карда шуда, тартиби амалисозии он муқаррар гардад.

2. Дигар пешниҳоди муаллиф дар он аст, ки дар Тоҷикистон мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шавад, ҳуқуқу ухдадориҳои ӯ, тартиби ба даст овардан ва қатъ намудани ваколат, кафолатҳои фаъолияти ин мақом (аз таҷрибаи Ҷумҳурии Австрия, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо) муайян ва муқаррар карда шаванд.

3. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба моддаи 41-и Конститутсияи ҶТ бо мазмуни зерин тағйиру илова ворид карда шавад: «Тарбияи томактабии кӯдакони синни томактабӣ ҳатмӣ аст». Ба андешаи унвонҷӯ аз сабаби ҳатмӣ набудани таҳсилоти томактабӣ ҳанӯз аз оғози таҳсилоти ибтидоӣ дар мактаб кӯдаконе, ки ба таҳсилоти томактабии давраи дувум фаро гирифта нашудаанд, аллакай аз ҳамсолони худ қафо монда, аз ин сабаб ба душвориҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва фишорҳои равонӣ дучор мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти

назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқ ба таҳсил, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории соҳаи таҳсилот асос меёбад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б. Ф. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил истифода карда шаванд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумот ва маводи нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти ҳуқуқ ба таҳсил, мумкин аст ҳамчун як маводи илмӣ ки сирф ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил бахшида шудааст, дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ ва умуман илмҳои ҳуқуқшиносӣ истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил истифода бурд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти ҳуқуқӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин дар ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид

аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Файзализода Б. Ф. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар диссертатсия табиати ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва мавқеи онро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, аз якчанд ақидаи олимон оид ба фитрӣ ё позитивӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил иқтибос овардааст. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки вобаста ба кадом хусусиятҳо ҳуқуқ ба таҳсилро метавон ба ҳуқуқҳои фитрӣ мансуб донист?

2. Раванди Болония як силсила вохӯриҳо ва созишномаҳои вазирон дар байни кишварҳои Аврупо мебошад, ки ба хамоҳангсозии стандартҳо ва сифати тахассуси таҳсилоти олӣ нигаронида шудаанд. Раванди Болония ба номи Донишгоҳи Болония гузошта шудааст, ки вазирони маорифи 29 кишвари Аврупо дар соли 1999 Эъломияи Болонияро имзо карданд. Ин раванд минтақаи таҳсилоти олии аврупоиро мутобиқи Конвенсияи Лиссабон ба вуҷуд овард. Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳамчун ҷузъи комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон соли 2013 ин низоми таҳсилотро ҷорӣ намуд, ки саволҳои муайянро барои доираи илмӣ ба вуҷуд овардааст, аммо унвонҷӯ доир ба ин масъала аҳаммияти кофӣ надодааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя

пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии дисертатсияи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Файзализода Бахтиёр Файзалӣ ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ш.Ф. Алиев
Имзои Алиев Ф.Ш - ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсус С.С. Пирзода

"4" 05 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ,
Тел.: +992 (37) 234-83-46
E-mail.: tguk@mail.ru